**ХУЛОСАИ**
**ниҳоии шурои диссертатсионии 6D.КОА-005**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**

**Парвандаи аттестатсионии №__________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15 марти соли 2024, таҳти №15**

Дар бораи сазовор донистани Гулов Раҳмонали Бобохонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ).

Диссертатсия Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон", аз руйи ихтисоси 6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, дар таърихи 26-уми декабри соли 2023, Суратмаҷлиси №14, аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси Шурои диссертатсионӣ аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9) пешниҳод гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Гулов Раҳмонали Бобохонович соли таваллудаш 10.08.1996, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «Дефектология» бо дипломи аъло, соли 2020 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси «Кори иҷтимоӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва моҳи июни соли 2023 зинаи доктор (PhD)-ро аз рӯйи ихтисоси Сотсиология дар донишгоҳи зикршуда хатм намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2023 ба ҳайси омӯзгори кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович. – доктори илмҳои фалсафа, ба ҳайси сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти

фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ фаъолият менамояд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷононов Сайдамир** - доктори илми фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Назирова Марҳамат Назаровна** - номзади илмҳои сотсиологӣ, муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессор Ибодов М.О., омода карда шуда, аз ҷониби мудири кафедраи фалсафаи муассисаи мазкур, номзади илмҳои сиёсӣ, и.в., дотсент Абдуллоев Н.С. ба имзо расида ва аз тарафи ректори ҳамин муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С., тасдиқ шудааст, қайд карда мешавад, ки бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ имрӯз ба яке аз масъалаи муҳим табдил ёфтааст, чунки дар системаи маориф ҳангоми тайёр кардани мутахассисон талаботи соҳавии касбӣ барои хоҷагии халқ то ҳадди имкон ба назар гирифта намешавад, бо ин сабаб бо шуғл фаро гирифтани онҳо назаррас нест. Бинобар ин, бархе аз хатмкунандагон пас аз гирифтани тахассуси касбӣ бо фаъолияти меҳнатӣ таъмин нагардида, маҷбуранд ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои дигар раванд, ки ин омил дар оянда ба ҳалли самараноки масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, бинобар паст будани саводи тахассусиашон наметавонанд бо шуғл таъмин шаванд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва имкониятҳои ҳалли он дар соҳаи идории бо кор таъмин намудани хатмкунандагон хусусияти мубрам гирифтааст. Диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Гулов Раҳмонали Бобохонович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

Гулов Раҳмонали Бобохонович вобаста ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда:**

**[1-М].** Гулов Р.Б. Технологияҳои иҷтимоӣ: мафҳум, пайдоиш ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ [Матн] / Р.Б. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №7. – С.129-134. ISSN 2074-1847;

**[2-М].** Гулов Р.Б. Нақши соҳаи маориф дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар системаи маорифи Тоҷикистон [Матн] / Р.Б. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №7. – С.119-125. ISSN 2074-1847;

**[3-М].** Гулов Р.Б. Тарҳсозии системаи ба кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Р.Б. Гулов // Маҷаллаи “Идоракунии давлатӣ”. – 2022. – №1(55). – С.80-90. ISSN 2074-1847;

**[4-М].** Гулов Р.Б. Масъалаҳои бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон [Матн] / Ғ.Ғ. Қаҳҳоров, Р.Б. Гулов // Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – 2023. – №1. – С.60-66.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Маҳмадизода Н.Д.** – доктори илми фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Диссертант дар бобҳои якум ва дуюми диссертатсия андешаҳои олимони хориҷиро таҳлил намуда, таъсири “шуғл”-ро ба инкишофи ҷомеа мубрам қайд намудааст, аммо ба таври пурра онро нишон надодааст. Дар автореферат баъзан ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои пурра комил гардидани диссертатсия муҳим мебошанд.

**Маҷидов Д.Ҳ.** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. Тақриз мусбат аст. Дар автореферат камбудиҳое ҷой доранд, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд.

**Азизов К.Ҷ.** – номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат аст. Дар матнн чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Дар хусуси тавсифи мафҳуми "шуғл" ба кадом назария ва ё консепсияи сотсиологӣ наздик будани мавқеи муаллифи рисола дар матни автореферат норавшан мондааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бадҳои 67-70 ва 74 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда корҳои илмӣ – таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- дар асоси омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ, ақидаҳои олимони соҳаи сотсиология ва иқтисодиёт мафҳуми "технологияи иҷтимоӣ" мушаххас карда шуд. Асоснок карда шуд, ки технологияи иҷтимоӣ дар шароити муосир воситаи амалигардонии вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ба воситаи технологикунонии донишҳо муносибати мақсадноки ташкили шуғлмандӣ ва фаъолияти минбаъдаи хатмкунандагон ба вуҷуд меояд. Маълум гардид, ки истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шуғл мутобиқат намуда, сабаби рушди шахс мегардад;
- дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ фарқият миёни мафҳуми "бо кор таъминкунӣ" ва "шуғлмандӣ" ошкор карда шуд, ки "бо кор таъминкунӣ"-натиҷаи мусбати раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ буда, "шуғлмандӣ" бошад, нишондиҳандаи сатҳу сифати таълими касбӣ ва дараҷаи баланди даромаднокӣ мебошад;
- дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон муайян карда шуд, ки доир ба таъмини шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барномаву лоиҳаҳои гуногун қабул карда шуда, сомонаҳои интернетӣ таъсис дода шудааст, ки ҳар лаҳза вазъи бозори меҳнатро баррасӣ мекунанд;
- ошкор карда шуд, ки ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар кишвар бо корхонаву ташкилотҳо ва корфармоён дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст;
- муайян карда шуд, ки талаботи қонун барои ҷудо намудани квотаҳои ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони имконияти

маҳдуддоштаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад;

- натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ собит намуд, ки дар соҳаи маориф мушкилоти омода намудани мутахассисони баландсавияву болаёқат вуҷуд дорад ва сабаби дар бозори меҳнат бо шуғл таъмин нагардидани қисме аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мегардад;

- дар натиҷаи омӯзиши системаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ошкор карда шуд, ки тахассуси касбии гурӯҳе аз хатмкунандагон на ҳамавақт ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки дар он як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла, равишҳои умумиилмии сохторӣ-функсионалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва равиши системавӣ дар бар мегиранд, зеро омӯзиши бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони системаи таҳсилоти касбӣ дар доираи ин равишҳо мувофиқ мебошад. Равиши сохторӣ-функсионалӣ имконият медиҳад, ки масъалаи ҷавобгӯ будани омоданамоии ихтисосмандони касбӣ ва бо шуғл таъмин намудани онҳо ба талаботи сохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва бозори меҳнат ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирад. Муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сотсиологӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ, муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба таҳқиқи масъалаҳои шуғлмандӣ, меҳнат, тайёрии касбӣ ва масъалаҳои марбут ба омодасозии мутахассисони зинаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ рӯ овардаанд, такя намудааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин, махзанҳои электронии интернетӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ бо он тасдиқ мегардад, ки** мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои рисолаи илмиро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлат оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолӣ, махсусан, ҷавонони соҳибихтисос, танзими масъалаҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таҳқиқи минбаъдаи мушкилоти бо шуғл таъмин намудани ҷавонон истифода бурдан имконпазир мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва пешниҳодҳои рисола аз ҷониби Вазоратҳои дар ин самт масъул ва дигар мақомот метавонад истифода карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии инкишофи соҳаи

иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, инчунин, таҳлили илмии масъалаи шуғлмандӣ миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баррасӣ шудааст. Қисмати амалии омӯзиши диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи шуғл, инчунин, пешгирии таъсири манфии бекории ҷавонони соҳибихтисос дар ҷомеа ва самаранок истифода кардани аҳолии қобили меҳнат ба мавқеъ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои “Тағйироти иҷтимоӣ”, “Сотсиологияи оила”, “Глобализатсияи иҷтимоӣ”, “Сотсиологияи шахс”, ”Сотсиологияи меҳнат”, “Сотсиологияи каҷрафторӣ”, “Кори иҷтимоӣ бо ҷавонон”, “Кори иҷтимоӣ бо бекорон”, “Кори иҷтимоӣ бо маъюбон”, инчунин ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ, навиштани диссертатсия, корҳои магистрӣ ва дипломии ба ин масъала дахлдошта истифода бурда шавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз дақиқ будани маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, мақола ва маводҳои нашршуда бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳиянамудаи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, дар иштирок ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва эмпирикӣ дар бораи технологияҳои иҷтимоӣ, системаи таҳсилот ва шуғлмандӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ таҳлил ёфтааст. Муҳаққиқ шахсан таҳқиқоти сотсиологиро дар ҳамкорӣ бо кафедраи сотсиологияи

факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи “Технологияҳои иҷтимоии бо кор таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон” (соли 2022) гузаронида, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро дар таҳияи диссертатсия самаранок истифода бурдааст.

Ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ 15 марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Гулов Раҳмонали Бобохонович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Аз 13 нафар иштирокчиёни маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: Тарафдор -13, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор: Шоисматуллоев Ш.**

**И.в. Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент: Маҳмадҷонова М.Т.**

**15.03.2024 с.**